# НАҚШАИ ЧОРАБИНИҲОИ СУДИ ШАҲРИ ИСФАРА ВОБАСТА БА ТАЪМИНИ ИҶРОИ ДАСТУРҲОЕ, КИ АЗ СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАХШИДА БА РӮЗИ МОДАР ВА СОЛИ 2015 – СОЛИ ОИЛА БАРМЕОЯНД.

# ВОХУРИҲО БО АҲОЛИИ ШАҲРИ ИСФАРА

***Баргузор намудани вохуриву суҳбатҳо бо аҳолии шаҳри Исфара ба роҳ мондани омӯзиши нуқтаҳои суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06 марти соли 2015 дар Рӯзи Модар.***

# МИЗЗИ МУДАВВАР

*Гузаронидани мизи мудаввар доир ба мавзӯи «Соли 2015 - Соли Оила».*

# САБАБҲОИ ПАРОКАНДАШАВИИ ОИЛАҲО

*Бо мақсади муайян намудани сабабҳои парокандашавии оилаҳо ва андешидани чораҳо ҷиҳати пешгирии он, гузаронидани ҷамъбасти амалияи суди шаҳри Исфара доир ба баррасии парвандаҳои оилавӣ оиди бекор кардани ақди никоҳ ва ирсоли пешниҳодҳо ҷиҳати пешгирӣ.*

# ҶАМЪБАСТИҲОИ АМАЛИЯИ СУДӢ

***Ҷамъбастиҳои амалияи суди шаҳри Исфара доир ба парвандаҳои оилавӣ оиди кам кардани синни никоҳӣ, муқаррар кардани падарӣ, рӯёнидани алимент барои таъминоти фарзандони ноболиғ, моликияти муштарак эътироф намудани манзил ва тақсими он.***

# ПЕШГИРИИ ОМИЛИ НОМАТЛУБИ ЗУРОВАРӢ ДАР ОИЛА ВА ОҚИБАТҲОИ НИКОҲИ ХЕШУ ТАБОРӢ

***Баромадҳо дар саҳифаҳои матбуот, телевизиону радио ва гузаронидани вохуриҳо бо коллективҳои меҳнатӣ, маҳаллаҳову мактабҳо бо мақсади пешгирии омили номатлуби зӯроварӣ дар оила, оқибатҳои никоҳи хешу таборӣ, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ва масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд ва фаҳмонидани қонунҳо.***

# РАСОНИДАНИ ЁРИИ АМАЛӢ

***Расонидани ёрии амалӣ ба судяҳои суд шаҳри Исфара доир ба парвандаҳои оилавӣ аз ҷумла дар бораи бекор кардани ақди никоҳ, муқаррар намудани падарӣ, кам кардани синни никоҳӣ.***

# ТАДБИРҲОИ МУШАХХАС ЗИМНИ БАРРАСӢ КАРДАНИ ПАРВАНДАҲОИ ОИЛАВӢ

***Гузаронидани мурофиаҳои сайёри судӣ, қабули таъинотҳои хусусӣ ва андешидани тадбирҳои мушаххас зимни баррасӣ кардани парвандаҳои оилавӣ алалхусус дар бораи бекор кардани ақди никоҳ, муқаррар намудани падарӣ, кам кардани синни никоҳӣ.***

# ТАВЗЕҲ ДОДАНИ ФАЪОЛИЯТИ СУД ДАР ИН САМТ

***Дар сомонаи интернетии суди шаҳри Исфара тавзеҳ додани фаъолияти суд дар ин самт.***